**ФИШУРДААХБОР №6**

**КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ**

# *Дастовардҳои ислоҳот дар самти соддагардонии расмиёти дастрасӣ ба қарз*

Дастовардҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати беҳтар намудани нишондиҳандаҳои кишвар дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки ҷаҳонӣ дар самти соддагардонии расмиёти дастрасӣ ба қарз:

## *Тадбирҳои ислоҳот:*

### 1. Таъсиси феҳристи ягонаи электронии бақайдгирии амволи манқул, ки дастрасии соҳибкоронро ба захираҳои қарзӣ осон менамояд

Бо мақсади татбиқи ислоҳот дар самти ба роҳ мондани низоми созишҳои таъминшуда аз 2 феврали соли 2019 феҳристи ягонаи электронии бақайдгирии гарави амволи манқул, ки дастрасии соҳибкоронро ба захираҳои қарзӣ осон менамояд, дар назди Вазорати адлия таъсис дода шуд.

- Дар 6 моҳи соли 2020 дар Феҳристи мазкур 475 (6 моҳи соли 2019 – 8 адад) огоҳиномаҳои гарави амволҳои манқулро аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба қайд гирифта шудааст.
- Бояд қайд кард, ки то ин ҷониб 51 ташкилотҳои қарзӣ дар Феҳрист ҳамчун истифодабарандаи асосӣ (администратор) бақайд гирифта шудаанд.

Бо мақсади дастгирии бахши хусусӣ дар шароити пандемия ва осон намудани дастрасӣ ба қарзҳо ва бинобар сабаби аз 4 июли соли 2020 қабул гардидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” ва “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гарави молу мулки манқул ва бақайдгирии таъмини ухдадориҳо” аз 4 ва 7 июли соли 2020 боҷи давлатї барои бақайдгирии огоҳиномаи гаравӣ ва пешниҳоди иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлати ухдадориҳои гаравӣ ситонида намешаванд.

### 2. Такмили заминаи қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои қарздорон

Ҷиҳати такмили қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои қарздорон бастаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин таҳия карда шуданд:

- Лоиҳаи Қонуни ҶТ “Дар бораи гарави молу мулки манқул”;
- Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум);
- Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- *Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавӣ”.*
- *Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон;*
- *Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми дуюм) ;*
- *Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро";*
- *Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо" ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)" ;*
- *Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.*

## 1. *Маълумоти муфассал:*

**Бастаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

**http://www.narodnaya.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=8218:2019-01-10-12-22-43&catid=69:zakoni&Itemid=171**

**Қонуни ҶТ “Дар бораи гарави молу мулки манқул” дар таҳрири нав**

http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=132986

**Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №1557 ва №1558**

http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=132925

## 3. Таъмини мубодилаи маълумот миёни аҳолӣ

Бо мақсади ба таври пурра таъмин намудани маълумот оид ба қарз, тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таърихи қарз" аз 02.01.2018, №1501, барои тавсеаи маҳзани маълумоти бюроҳои қарзӣ бо иттилооти иловагӣ аз ҷониби ҶДММ “Бюрои қарзии Тоҷикистон” бо ширкатҳои мобилии кишвар ва марказҳои тиҷоратӣ таъмини мубодилаи маълумот ба роҳ монда шудааст.

*Барои маълумоти иловагӣ оид ба ин мавзуъ, хоҳишмандон метавонанд ба котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ бо телефони 44 601-00-27 ё нишонии электронии secretariat@investmentcouncil.tj ҳамчунин ба сомонаи Котибот: www.investmentcouncil.tj. муроҷиат намоянд.*

***Эзоҳ: Вобаста баислоҳот дар самти беҳтар намудани нишондиҳандаҳои дигари ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки ҷаҳонӣ минбаъд маълумот пешниҳод карда мешавад.***